ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Самадова Мавзуна Тағоевна дар мавзуи «Махсусиятҳои публитсистии осори Тулқин Хоҷа», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Самадова Мавзуна Тағойевна ба таҳлилу таҳқиқи осори матбуотӣ ва китобии Т.Хоҷа бахшида шуда, дар он вобаста ба осори ин адиб масъалаҳои бозтоби набзи ҳаёти иҷтимоӣ, уфуқҳову марзи афкор, мавқеи иҷтимоӣ, маҷмуи факту аснод, сабку услуб, махсусиятҳои жанрӣ, истеъдоди баланди нигориш ва хулосаву ҳукмҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аҳаммияти кори диссертатсионии мазкур аз он иборат аст, ки зиндагиву ташаккули шахсияти адиб дар маҳал, махсусиятҳои мундариҷавию ғоявии насри публитсистӣ, аркони воқеият дар назми иҷтимоӣ, таносуби воқеияту бадеият, маҳорати офаридани образҳо ва қолабҳои гуногуни жанрӣ дар осори Т.Хоҷа бори аввал дар қолаби як диссертатсия таҳқиқ шудааст. Муаллифи диссертатсия бо истифода аз усулҳои гуногуни пажуҳиш фаъолияти журналистӣ, публитсистӣ ва адабии Т.Хоҷаро мавриди баррасӣ қарор дода, аносири зиёди воқеиятбаёниро аз равзанаи публитсистикашиносӣ дар такя ба намунаҳои зиёди осори адиб мушаххас гардонидааст, ки дар солҳои гуногун ба нашр расидаанд. Аз ин рӯ, пажӯҳиши унсурҳои публитсистии осори адиб ва шинохти Т.Хоҷа ҳамчун публитсист арзишнок ва судманд дониста мешавад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки он дар публитсистикашиносии тоҷик дар мисоли осори як адиб таҳқиқи ҷудогона буда, махсусияти иҷтимоии осор дар доираи мавзуоти мубрам, дараҷаи касбияту ҷаҳонбинӣ, тафаккури мантиқиву образнок, маърифати рухдод, оҷилияту халқият, хулосаву воқеият, рӯҳияи адабии навиштаҳо, ҷуръату ҷасорату ошкоргӯй, самтҳои фарогирандаи оҳанги замон, сабку услуби мутафовут, қолабҳои жанрии гуногун дар насру назми адиб мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқикро дар баррасии масъалаҳои назарӣ ва амалии алоқаманд ба ҳунари публитсистӣ дар офаридани асарҳои ифодакунандаи ҳақиқати ҳаёт, оммавияту воқеияти матолиб, нақши сухани образноку таъсиргузор, муътақидсозии омма дар руҳияи матлуб, ташаккули ҷаҳонбинии омма

дар шароити мураккаби ҷаҳонишавӣ, ки дар раванди он нақши публитсистика муҳим дониста мешавад, метавон мавриди истифода қарор дод. Натиҷаҳои таҳқиқ дар шинохти раванди таъсиргузории эҷоди публитсистӣ ҳамчун як рукни ҷаҳонишавӣ дар шароити муосир ва дигар ҷиҳатҳои назариявӣ дар мавриди шинохту аҳамияти публитсистика маводи муҳим хоҳад дод.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 3 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Самадова Мавзуна истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Самадова Мавзуна Тағоевна дар мавзӯи “Махсусиятҳои публитсистии осори Тулқин Хоҷа” кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ; ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Самадова Мавзуна Тағойевна дар мавзуи «Махсусиятҳои публитсистии осори Тулқин Хоҷа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ дар ҷаласаи шурои дессертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- Муллоев Шариф Боқиевич – доктори илмҳои филология, дотсент, мудири кафедраи ВАО-и чопӣ ва PR-и Донишгоҳи (славянии) Россияву Тоҷикистон.

- Шарифов Сангинмурод – номзади илми филология, мудири кафедраи рӯзноманигории факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

- Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва тавзеъ гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илми филология, профессор,
академики АМИТ,
узви шурои диссертатсионӣ Имомзода М. С.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Саъдуллоев Ҷ. М.

Доктори илми филология, дотсенти кафедраи
матбуоти факултети журналистикаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мухторӣ Қ.
«26» сентябри соли 2022.